131819 д/х

Б. ОРТИҚОВ

# БА КАЛОНКАРДААТ РАҲМАТ



Душанбе - 1964

1317 10



Государственная
... библиотека Тадж. ССР
1819 Тоҷикӣ
0-75

## АЗ ИН МОНДАВУ АЗ ВАЙ РОНДА

Пагоҳирӯзӣ буд. Меҳрӣ дастархонро бароварда аз як лабаш дошту ба поёни суфа сахт-сахт афшонд. Барои чида хӯрдани нонрезаҳо мурғҳо давиданд. Хурӯси бодпои сафед аз ҳама пеш расида омад.

Мурғҳо диданд, ки ба ғайр аз нонрезаҳо аз дастархон як бурда нони сап-сафед ҳам афтодааст. Онҳо пеш аз ҳама ҳамон бурдаи нонро ба миён гирифта, аз чор тарафаш нӯл задан гирифтанд.



Дар таги гулбутта гурбаи сиёҳе менишаст. Вай бурдаи нонро диду бо як ҷаҳидан худро ба миёни мурғҳо партофт. Мурғҳо як қад парида, «қа-қа-қа»-гӯён ба ҳар тараф пароканда шуданд. Аз ин кори гурба хурӯси сафед чунон оташин шуд, ки парҳои гарданаш ба монанди дугҳои ҷайра рост шуданд. Вай нӯги болҳояшро ба замин расонда, ба гурба ҳуҷум кард. Аммо гурба ҳам суст наомад. Вай пеш аз ҳама чашмони оташборашро беҷо кард. Баъд даҳонашро каме инҷ намуда, дандонҳои ашкашро нишон дод. Дар сурати наздиктар омадани хурӯс нохунҳои шастмонан-



дашро низ ба кор андохтанӣ буд. Вале хурӯс дарҳол пай бурд, ки нигоҳҳои гурба беҷо менамояд. Бинобар ҳамин «хайр, майлаш» гуфта аз дил гузаронду бас.

Ин дам ба поёни суфа гунҷишкҳо омада нишастанд. Онҳо лӯхтаки сурнайчӣ барин тез-тез хаму рост шуда, нонрезаҳоро чида хӯрдан гирифтанд. Гурба бурдаи нонро монду ба сӯи гунҷишкҳо нигоҳ карда, чашм ало кард.

— Ҳой, беҳуда зӯр назан! — мегуфт гӯё хурӯс гурбаро тезонида.— Онҳо болу пар доранд. Ба чанголи ту намеафтанд.

— Ана, нигоҳ карда ист,— гуфтагӣ барин ғурур мекард гурба,— ҳамон фарбеҳакаш ҳозир чӣ хел ба чанголи ман меафтад.

Гурба инро гуфту ба замин пахш шуда, ба монанди мор оҳиста-оҳиста хазидан гирифт. Гунҷишкҳо низ ғарқи нонрезахӯрӣ гардида, тамоман бехабар монданд, ки гурба ба сӯяшон омада истодааст.

Мурғҳо ин дам аз фурсат истифода бурда, дартоз омада, бурдаи нони сафедро гирифта гурехтанд.

Дар ин вақт гурба ҳам ба тӯдаи гунҷишкҳо хеле наздик шуда буд. Вай нӯги думашро оҳиста-оҳиста ҷунбонда, бо тамоми қувваащ ҷаҳиданӣ буд. Ин дам хурӯс як қанотак заду «қу-қу-қу-қувв»-гӯён ҷеғ зада фиристод. Гунҷишкҳо якбора парвоз карда, ба лаби девор рафта нишастанд. Гурба аз гунҷишкҳо умедашро канд. Вай даррав ба қафо нигоҳ кард, ки аз бурдаи нони сафед ҳам бенасиб шудааст.





## БА КАЛОНКАРДААТ РАҲМАТ

Тобистон. Ҳаво аз ҳад зиёд гарм буд. Рӯз ҳатто ба қиём нарасида, ҳамаи одамони қишлоқ хона ба хона ҷо шуда буданд. Танҳо ду бачаи пасту баланд дар канори роҳ, дар сояи девори хона нишаста чуқурчабозӣ мекарданд.

Роҳгузаре ба он ҷо омада истоду ба онҳо нигоҳ карда:

— Номатон чист? — гӯён пурсид.

— Номи ман Зафар,— пешдастӣ карда ҷавоб дод бачаи хурдӣ.— Номи ин Табар.



— Табарҷон, як коса об барор, писарам,— илтиҷоомезона муроҷиат кард роҳгузар ба ӯ.— Ҳалқамро тар кунам. Дилам сӯхт.

Ҳамин вақт садои ҷеғи зане баромаду Зафар тозон ба сӯи хонаашон рафт. Табар гӯё сухани роҳгузарро нашунида бошад, худро ба нодонӣ зада бозиашро давом додан гирифт. Роҳгузар бори дуюм ба вай муроҷиат кард. Табар ин дафъа хушаш омадаву наомада:

— Меовардаму дар хонаамон коса надорем,— гӯён баҳона кард.

— Дар сатил биёрӣ ҳам, майлаш, писарам,—гуфта боз зорӣ кард роҳгузар.— Хез, шери амакаш.

— Мехестаму аммо дар хонаамон об набудагист-дия, —гӯён баҳонаи дигар ёфт.—Сатиламон ҳам сӯрох шудагӣ.

Роҳгузар бо қаҳру ғазаб ба роҳ даромада истода буд, ки Зафар як коса об бардошта баромад. Роҳгузар онро то қатраи охиринаш нӯшиду косаро ба дасти Зафар дода истода гуфт:

— Ба калонкардаат раҳмат, писарам!

Табар ба сӯи Зафар хиҷолатмандона нигоҳ карда монд.





## РОБИЯХОЛА

Синни Мунира панҷи пуру шашбаро буд. Додараш — Шавкатҷон бошад, дар синфи сейӯм мехонд. Онҳо дар хонаашон приёмники калон доштанд. Ҳар боре ки аз вай як овози маҳини форам шунида мешуд, Шавкатҷон:

— Ана, Робияхолаам хонда истодаанд,— мегуфт.

Дар воқеъ, ин ба гӯши Мунира ҳам овози Робияхолааш барин шуда мерасид.

Боре вай аз додараш:



— Ака, худи Робияхолаам нестанд-ку? — гуфта пурсид.— Аз куҷо хонда истодаанд?

— Аз даруни приёмник.

— Аз даруни приёмник? — бовариаш наомада, ба рӯи приёмник дурусттар нигоҳ карда гирифт Мунира.— Ба он чӣ хел мегунҷанд?

— Даруни вай калон,— гуфта фаҳмонд Шавкатҷон.— Ту дарой ҳам, мегунҷӣ.

— Дарича дорад-мӣ? — кунҷковӣ кард духтарча.

— Ҳа,— гуфт дар ҷавоб Шавкатҷон.— Аз пушташ даричаи калон дорад.

Аз байн ду рӯз гузашт. Шавкатҷон набуд. Модараш приёмникро монду берун баромад. Мунира дар кунҷи хона зочаашро бозӣ карда менишаст. Ногаҳон боз овози Робияхолааш баланд шуд. Мунира курсичаро монда ба рӯи стол баромад. Вай даричаи пушти приёмникро кушода, ба пеши Робияхолааш даромаданӣ буд. Нохост овози вай хомӯш шуд. Мунира аз ин ҳол як қад парида, бо чашмони ҳаросон меистод, ки ба хона модараш даромад.

— Ҳа, чӣ шуд? — бо ҳаяҷон пурсид модар.

— Ба пеши Робияхолаам даромаданӣ будаму,— гӯён дарров иқрор шуд Мунира,— пи-пи...

Модар ӯро аз болои стол бардошта гирифта, сими антеннаро дуруст кард. Аз нав овози Робияхола баланд шуд. Баъд аз ин модараш ба Мунира фаҳмонд, ки приёмник ҳеҷ гуна дарича надорад. Ин на овози Робияхолааш, балки Фарида Сайдуллоева мебошад. Ҳофиз аз шаҳри Душанбе мехонаду приёмник овози вайро гирифта мешунавонад.





## СУЛҲ

Комилу Ҳамдам аз хурдӣ ҷӯраи қарин буданд. Бисьёр вақт ҳар ду ҳамроҳ мегаштанд. Одамони медонистагӣ онҳоро ҳамсоя, намедонистагӣ «Ҳасану Ҳусейн» гумон мекарданд.

Модари Комил мошиначии номдор буд. Ӯ дар қатори либоси дигарон куртаи хоҳарашро низ дӯхта шуду онро ба рӯймолчае баста:



— Комилҷон,— гӯён таъкид кард ба писараш,— тугунчаро ба дасти худи холаат деҳ, хуб-мӣ?

— Хуб.

Бача тугунчаро бардошта ба кӯча баромад, ки ҷӯрааш Ҳамдам омада истодааст.

Комил вайро барои ҳамроҳ рафтан таклиф кард.

— Мерафтам-куя,— гуфт Ҳамдам.— Лекин бачаҳои он қишлоқ ҷудо ҳам ганда, касро мезананд.

— Мезананд? — тааҷҷуб кард Комилҷон.— Чаро? Мо гап назанем ҳам, мезананд-мӣ?

— Онҳо ҷангараанд-дия,— гуфт боз Ҳамдам.— Гап назанем ҳам, задан мегиранд.

— Гард-е,—ба ҷону ҳоли ҷӯрааш намонда кашола кард Комил.— Ту ин қадар буздил набудӣ-ку?

Ҳамдам хоҳу ноҳоҳ ба ӯ ҳамроҳ шуд.

Баъди як дам сӯҳбати онҳо чунон тафсида рафт, ки ба қишлоқи ҳамсоя расиданашонро ҳатто нафаҳмида монданд. Аммо ҳанӯз ба тангкӯчаи холааш надаромада, Ҳамдам гумон кардагӣ барин, аз пешашон се нафар бача баромада монд.

— Ҳой! Ҳой! — нидо баровард яке аз онҳо.— Истед! Мо бо шумо ҷанг мекунем.

Комилу Ҳамдам аз роҳашон бозистоданд.

— Нагуфтам-мӣ? — таънаомезона пичиррос зад Ҳамдам.— Биё, ҳозир ҳам сари вақт, гурезем.

— Хомӯш! — гуфт Комил.

Бачаҳои қишлоқи ҳамсоя, хурӯсҳои ҷангара барин, чашмонашонро беҷову остинҳояшонро бар зада омаданд.

— Якка ба якка ҷанг мекунетон ё ки?..

— Мо ҷанг намекунем! — гапи онҳоро бурида гуфт Комил.— Хоҳетон сулҳ мебандем, сулҳ. Чунки доимо ҳамин тавр мегӯянд.

— Кӣ мегӯяд? — яке аз он бачаҳо пурсид.

— Радиои мо мегӯяд,— гуфт дар ҷавоб Комил ва дар навбати худ пурсид: — Магар шумоён дар хонаатон радио

надоретон? «Нест бод ҷанг! Сулҳ! Сулҳ!» намегӯяд-мӣ?

— Ҳо! Ҳамин тавр мегӯяд,— дар як вақт овоз баровар-данд ҳар се.

— Мо, набошад, барои чӣ ҷанг мекунем? — хандида пурсид Комил.— Биёетон, сулҳ, сулҳ. Қарин мешавем.

Бачаҳои қишлоқи ҳамсоя як-як ба ҳамдигар нигоҳ карда гирифтанд. Ниҳоят, калонтарини онҳо ба Комил рӯ оварда:

— Агар мо ба қишлоқатон равем, ҷанг намекунетон? — гуфта пурсид.

— Чаро ҷанг мекардаем,— гуфт хандида Комил.— Хурсанд шуда бозӣ мекунем.

— Биёетон, набошад, сулҳ, сулҳ,— гуфт он гоҳ сардори бачаҳои қишлоқи ҳамсоя, ба Комил даст дароз карда.

— Сулҳ, сулҳ! — бачаҳои боқимонда ҳам дастони якдигарро сахт фишурданд.— Қарин мешавем, қарин мешавем.





## ОБИ ЧАШМОНАШ БОЗИСТОДАНД

Дина рӯзи дамгирӣ буд. Шояд, мактабашонро ёд карда бошанд, хонандагони синфи дуйӯм ин пагоҳӣ аз ҳаррӯза дида барвақттар омаданд. Аз пешқадами синф — Ҳалима бошад, дарак набуд. Фақат пеш аз занг бачаҳо ба синф даромада диданд, ки Ҳалима омадааст.

— Салом, Ҳалимахон,— гуфт яке аз дугонаҳояш, ба ӯ



писханд карда.— Аълочиҳо ҳам аз ҳашари себчинӣ мегурехтаанд-дия?

— Ман нагурехтаам, дугонаҷон,— гуфт Ҳалима ва хост, ки сабаби нарафтанашро фаҳмонда диҳад. Лекин дигарон миёни суханашро бурида, ба гап задан имконият надоданд.

— Боз забонашон ҳам дароз-а! — гуфт яке.

— Аълочӣ-дия,— илова намуд дигаре.— Гап задан мегиранд.

Ҳалима дигар тоб оварда натавонист. Ӯ сарашро ба болои парта гузошта гирья кард. Ҳамин вақт ба синф муаллима даромада омад. Ҳама аз ҷо бархостанд. Ҳалима ҳоло ҳам аз гирья худдорӣ карда наметавонист. Муаллима сабаби оби чашм рехта истодани Ҳалимаро пурсид. Дугонаҳояш ҳамин ки нӯги гапро кушоданд, муаллима онҳоро аз сухангӯӣ боздошт. Вай аллакай аз ҳамаи воқеа хабардор будааст. Аз рӯи гуфташ маълум гардид, ки дирӯз мураббия касал шуда, яслии колхоз кор накардааст. Ҳалима додарчаашро бонӣ кардаасту модараш ба саҳро баромада 80 килограмм пахта чидааст.

Ин гапро шунида дугонаҳо як-як ба ҳамдигар нигоҳ карданд.

— Агар Ҳалима ба додарчааш нигоҳ намекард,— суханашро давом дода гуфт муаллима,— модараш 80 килограмм пахта чида метавонист-мӣ?

— Наметавонист.

— Нисфаш аз они Ҳалима,— бо як овоз гуфтанд бачаҳо.

Оби чашмони Ҳалима бозистоданд.





## «ДАЛЕРОН» ВА «ТАРСОНЧАК»

Дар як хона се ака-ука буданд. Аз ҳама калонӣ Ҳалим, миёна Карим ва хурдӣ Салим ном доштанд. Ҳалиму Карим ҳамеша даъво мекарданд, ки онҳо далеранд, аз ҳеҷ чиз наметарсанд. Ба қарибӣ ҳатто аз пеши саги ҳамсоя натарсида гузаштаанд. Ба дастҳояшон калтак гирифта, қозҳои сафедро гурезондаанд.

Салим бошад, аз онҳо дида анча хурд буд. Ҳам қадаш пасту ҳам ҷуссааш майда. Бинобар ҳамин Ҳалиму Карим фикр мекарданд, ки Салим тарсончак аст...



Шаб. Ҳар се дар хона мехобиданд. Ҳалим як поси шаб бедор шуда, аз оинаи тиреза ба болои боми ҳамсоя нигоҳ кард, ки ба назараш одаме рост истодагӣ барин намуд.

— Ҳой, Карим! Карим! — саросемавор укои миёнааш-ро бедор карда пичиррос зад вай.— Ана, ба рӯи бом нигоҳ кун. Вай чӣ бошад-а?

— На-на-намедонам,— забонаш гирифта ҷавоб дод Ка-рим.— Боз ду-дузд набошад?

— Рост мегӯй, дузд,— воҳима кард ако.— Нигоҳ кун, ба ҳавлии мо фуромаданӣ.

Ҳар ду аз «дузд» чашм наканда меистоданд. Ба назарашон қади «вай» торафт дароз шуда, ба осмон баромада рафтан гирифт.

— Карим! Карим! —боз акои калон ба ҳаяҷон омад,— дод намегӯем-мӣ? Охир...

— Нағзаш нафасамонро намебарорем,— маслиҳат дод укои миёна.

— Ба далерии дуятон ҳам қоил-е! — аз даруни ҷойгаҳ истода нидо баровард «Тарсончак».

— Аввал хеста бин,— гуфтанд «далерон»,— мо худдорӣ кардем. Ту бошӣ, аллакай дод гуфта мефиристодӣ.

— Ман шумоён барин «далер» нестам, ки аз дудбарои печка ҳамин қадар тарсида шинам,— гуфт укои хурдӣ.

Ногаҳ ба хотири ду «далер» ҳам расид, ки дирӯз ҳамсоя ба печкааш дудбаро сохта буд. Онҳо аз сари нав ба ҳамон тараф нигоҳ карданд, ки ҳақ ба ҷониби Салим. Сиёҳии ба чашмашон намудагӣ «дузд» не, балки дудбарои печка будааст.



## МУНДАРИЧА

Аз ин мондаву аз вай ронда . . . . . . . 3
Ба калонкардаат раҳмат . . . . . . . . . 7
Робияхола . . . . . . . . . . . . . . . 10
Сулҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13
Оби чашмонаш боз истоданд . . . . . . . 17
«Далерон» ва «тарсончак» . . . . . . . . . 20

Барои бачагони синни томактабӣ

ОРТЫКОВ БОЛТА

Спасибо тому, кто тебя воспитал

*(на таджикском языке)*

Рассом *Д. Винокуров*

Муҳаррир *М. Искандаров*
Муҳаррири расмҳо *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Л. Выдрина*
Мусаҳҳеҳ *Р. Камолов*

Ба матбаа 29/XII-62. супорида шуд. Ба чопаш 26/IX-1963 имзо шуд. Коғаз 70×90 1/16. Ҷузъи чопӣ 1,5. Ҷузъи чопии шартӣ 1,74. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,37 Адади нашр 10.000. Нархаш 10 т. Супориши № 5698.

Душанбе, Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.

10 тин



НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН